## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Матробов Матроб Хуррамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод гардидааст**

Автореферати пешниҳодгардида ба таҳқиқоти диссертатсионии муҳими илмӣ-амалӣ бахшида шуда, яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – мониторинги қонунгузориро дар шароити рушди давлати ҳуқуқбунёд ва такмили сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор медиҳад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо зарурати баланд бардоштани сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешгирии коллизия ва норасоиҳо дар қонунгузорӣ, ҳамчунин таъмини татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун воситаи муҳими таҳлил, баҳодиҳӣ ва пешгӯйии рушди қонунгузорӣ нақши калидӣ дорад ва дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он аҳаммияти хос дода мешавад.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки масъалаи мониторинги қонунгузорӣ дар илм то ҳол ба таври низомнок ва мукаммал *таҳқиқ нагардидааст*. Муаллиф бо такя ба осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дараҷаи таҳқиқи мавзуъро воқеъбинона арзёбӣ намуда, ҷойгоҳи таҳқиқоти худро ба таври асоснок муайян кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар инҳо зоҳир мегардад: а) мафҳуми «мониторинги қонунгузорӣ» ҳамчун категорияи фарогири мониторинги ҳуқуқӣ таҳлил ва такмил дода шудааст; б) марҳилаҳои ташаккул ва рушди мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд; в)

таснифи мукаммали намудҳо, вазифаҳо, принсипҳо, субъект ва объектҳои мониторинги қонунгузорӣ пешниҳод шудааст; г) механизми ташкилию ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ таҳия ва асоснок карда шудааст.

Хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо истифода аз усулҳои умумӣ ва махсуси таҳқиқоти илмӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи судӣ ва муқоисаи ҳуқуқӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф пайдарҳамӣ ва мантиқи илмиро риоя намуда, мавқеи худро бо далелҳои мушаххас исбот мекунад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус назарияи мониторинги ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», таҳияи тартиб ва методикаи мониторинги қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ифода меёбад. Тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти воқеӣ ва татбиқшаванда доранд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар шумораи кофии мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, талаботи муқарраргардида пурра риоя шудааст.

Дар баробари бисёр ҷанбаҳои арзишманди илмӣ ва амалӣ, ҳамчунин дар матни автореферат бархе аз камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар автореферат баъзе такрори фикрҳо ва тавзеҳоти фарох мушоҳида мешавад, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳи илмӣ ва арзиши умумии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

2. Дар автореферат баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ дида мешавад, ки мазмуну моҳияти автореферати диссертатсия коста намегардонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Матробов Матроб Хуррамович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба бандҳои 31, 33, 34,

35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздидаҳанда**
Ходими калони илмии шуъбаи
ҳуқуқи байналмилалии Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.ҳ. Ҷабборов Ф.Н.

Имзои Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.
Сана “12” 02 2026

*Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ. Тел.: (+99237) 2216572; E-mail; jabborovf@mail.ru.*